
БОЗОР СОБИР
20
ШЕЪРАК
барои
Ардашерак

БОЗОР СОБИР

# 20 шеърак барои Ардашерак



Рассом Манучеҳр

©2009 www.bozorsobir.com

## Соати қишлоқ

Соати қишлоқ -чанор
Ё тираку сафедор,
Ақрабакаш аз соя,
Гардад ба гирди  поя.

## Савсани шамшербоз

Дар шамол ин савсани шамшербарг
Ҳар даме шамшербозӣ мекунад,
Ман наметарсам, ки дар гулзори ман
Савсани ман  турктозӣ мекунад.



Чистони ҳавопаймо

Парранда менамуд,
Парранда набуд,
Аммо дар ҳаво,
Хомӯшак ҳам не,
Як осмон садо.
Дар гумбази кабуд,
Хат мекашид ба дуд,
Он чӣ буд?

## Кай мешавад пир?

Баъди 200 сол
Зарби 300 сол,
Зарби 400 сол,
Зарби 500 сол,
Зарби 600 сол,
Зарби 700 сол,
Зарби 800 сол,
Зарби 900 сол,
Зарби 1000 сол
Замин шавад пир,
Инро ёбу гир?

## Асо

Худаш намебинад роҳ
Ба дигарон раҳнамо,
Худаш хушку бемадор
Ба дигарон мададгор.



## Фабрикаи абр

Менамуд аз дур
Ҳамчун замбуруғ
Дар як иморат
Ғаппа-ғаппа буғ.
Он ҷо чӣ бошад
Пурсидам дуруғ.
Фабрикаи абр,
Барои борон,-
Гуфт Ардашерак,
Бачаи зирак.

## Кран

Як лаклаки оҳанин
Дар ҳаво не, дар замин,
Бо нӯлаш мебардорад
Даҳтонна бори вазнин.

## Сурати зимистон

Зимистонро кашидан
Аз тобистон ҳам осон,
Аз тирамоҳ ҳам осон,
Осонтар аз баҳорон,
Дар як коғаз навиштам
Танҳо: фасли зимистон.
Коғаз худаш ранги барф,
Рангат намешавад сарф.

## Телпак

Телпакашро Ардашер
Қап зада гирам гӯяд,
Аз дасти ӯ паридаст,
Телпак не, гурба будаст.



## Барф

Эй, барфи нав салом,
Хӯш омадӣ, биё!
Дар зери по нашин
Зуд мешави сиёҳ.
Эй, барфи сап-сафед,
Биншин ба рӯйи бом.

## Чистони Қутби Шимол

Чор фасли он зимистон,
Одамаш хирси сафед аст,
Ҷангалаш аз шохи говазн,
Ин куҷо бошад, кӣ дидаст?

## Занбурӯғ

Занбурӯғ
Дар кундаи туғ,
Як пиёла
Маскаи дуғ.

## Ҷанг

Аз ҳар тараф қар-қар  шуд,
Қар-қар шуду пар-пар шуд,
Зоғон заданд майнаро,
Майнаи бемайнаро



## Турпардаи тортанак

Тортанак дар тиреза
Турпарда меовезад,
Турпардаи тортанак
Аз абрешими тоза.

## Гулҳои зинда

Шапараконро дида
Ба сӯяшон давида,
Гӯё гирифтанӣ шуд,
Аммо нашуд, париданд.
Бобо,- набераам гуфт,-
Инҳо гули зиндаанд.

## Фабрикаи "Ширин"

Ҳар ҷо, ки ошиёни
Занбӯри ангубин аст,
Заводи қанду асал,
Фабрикаи "Ширин"[1] аст.

Дар гирди он визу виз,
Ҷунбуҷулу шинухез,
Мешинанду мехезанд
Саросема, тез-тез
Занбӯракони рахшак,
Занбӯракони пашмак.

Занбӯронро поиста
Муму асал мегиранд,
Аз ҳар як занбӯрхона
То як сатил мегиранд.
Мумаш ҳам хеле лозим,
Қандилчаҳо месозанд
Аз ин муми мулоим.

---

[1] Фабрикаи "Ширин"- и Душанбе.

Дарахтонро ҳам аслан
Ӯ мекунад гулгардон,
Оилаҳои занбӯр
Бо шамоли баҳорон.

Дар боғи пуршукуфа
Виз-визкунон мепаранд,
Дар пояшон гарди гул
Аз гул ба гул мебаранд.

Бе шамоли баҳорӣ
Мева намегирад боғ,
Намешавад гулгардон
Бе занбӯрон боғу роғ...

Занбӯракро ранҷонӣ
Туро ҳам меранҷонад,
Якбора мезанад неш,
Заҳрашро мерезонад.



## Хирси моҳигир

Дар шаршара попархам
Моҳӣ мегирад ин ҳам,
Чангакаш дар дасту по-
Нохунҳои качалпо.

## Як бача буд

*(Ба хотираи  Убайд Раҷаб)*

Як бача буд номаш Муғ,
Ё аз Ванҷ ё аз Хоруғ,
Не рост мегуфт, не дуруғ.

Замбуруғи сиёҳро
Телпаки морак мегуфт,
Дар кундаи дарахтон
Мехи қаторак мегуфт.

Ҳар кас, ки қоқу чидаст
Инро аз ӯ шунидаст:
Қоқу гули замин не,
Аз офтоб чакидаст,
Як қатра офтоб аст.

Хорпуштакро чӣ мегуфт?
Хорпуштакро -сӯзандон,
Сӯзандони раҳгардон,
Пури сӯзан сӯзандон.

Мегуфт,-алошақшақа
Тоқии чоргул будаст,
Дар шамоли Файзобод
Аз сари мо паридаст...

Ин бачаи аҷоиб
Рафта-рафта шоир шуд,
Ё бобои Миршакар,
Ё Бозори  Собир шуд.



## Бутимор
## (Фламинго)

Бутимору лаби об,
Бутимору обанбор,
Бутимор оташинпар,
Бутимор оташинбол,
Парандаи оташин,
Гулхани оташ барин.
Париданаш дилкаш аст,
Паридани оташ аст,
Дар ҳаво мезанад пар,
Паранда не, як машъал.

## Ҷистони харчанг

Як ҷонвари панҷпоя,
Чун панҷа менамояд.
Вақте, ки роҳ пӯмояд,
Бо паҳлӯ мепаймояд.
Ҷондори каҷрафтор аст,
Дар дарёҳо бисёр аст.

## Гулҳои қоқӯ

Як села чӯҷа
Дар лаби ҷӯйча-
Гулҳои қоқӯ
Дар ду лаби ҷӯ.

## Кукӯ
(ангал)[2]

Дар лонаи гунҷишкон
Тухмашро мегузорад,
Гунҷишкаке аз он тухм
Кукӯча мебарорад.

Кукӯча аз ҳамон рӯз
Кукӯй менамояд,
Чӯҷаҳои дигарро
Аз лона мепартояд.

Гунҷишкаки бехабар
Дар чор сӯ овора,
Ҳашара мекашонад
Ба ҷонвари пурхора.

Чун болу пар барорад,
Вақте шавад парончак,
Кукӯ шуда мепарад,
Намешавад гунҷишкак.

---

2 Ангал-паразит.

## Чаро кӯдак мекушӣ?

Эй, янкии артишӣ,
Чаро кӯдак мекушӣ?
Чаро ту мекашонӣ
Яроқи кӯдаккушӣ?

Аз дасти ту бешумор
Бачаҳои бемадор,
Бачаҳои ярадор,
Бачаи бедасту по,
Бачаи бепарастор.

Натанҳо метаркониӣ
Мактабу кӯдакистон,
Қаламат ҳам метаркад,
Лухтакат марги тифлон.

Аз кӯдакони афғон,
Аз кӯдаки ироқӣ,
Аз ятими Африқо,
Аз ятими  Осиё,
Аз кӯдакони дунё
Туф ба рӯят Амрико!
Туф ба рӯят Амрико!

*06.12.09. Сэатл*




20